**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_______________ Сафарзода М.В.
«___» __________ 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба кори диссертатсионии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот.** Тарбия, таълим ва ташаккулдиҳии сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсият яке аз вазифаҳои муҳимми назария ва амалияи фаъолияти инсон буда, дар сохтори таркибии он эҳсоси худшиносӣ мавқеи асосӣ дорад. Чунки он аз аркони асосии андешаи миллӣ ба ҳисоб рафта, ба ҳифзи сарзамин ва арзишҳои моддию маънавии ҳар як халқу миллат, кишвару давлат мусоидат мекунад.

Пас аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи хештаншиносӣ устувортар гардида истодаанд, ки тавассути онҳо мақсаду вазифаҳои тарбияи худшиносии шаҳрвандон дар хонавода, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи муосир куллан, муайян карда шудаанд. Иҷрои мақсаду вазифаҳои тарбияи худшиносии миллӣ дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи кӯдакону наврасону ҷавонон чун бунёдгари ҷомеаи демократӣ раванди пайваста амалкунанда, пешраванда буда, дар назария ва амалияи тарбиятии халқи тоҷик ва таҳқиқоти илмии муосир истифодаи он тақозо карда мешавад. Амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои тарбияи худшиносии миллӣ истифодаи таҷрибаи тарбиявии мероси адабиро, ки фарогири паёмҳои бешумору нотакроранд, талаб мекунад. Зеро инсон тамоми умр дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ зиндагӣ менамояд, ба зинаҳои камолот мерасад, маҳорату қобилиятҳои дар ҷомеа зиндагӣ карданро аз худ менамояд ва кӯшиш мекунад, ки мавқеи худро ҳамчун шахсияти худогоҳу, арзишманду ҳувийятпазир соҳиб шавад.

Неруи педагогии мероси адабӣ ё пайкараи фарҳангӣ ҳамчун воситаи муассири тарбиявӣ, омили муҳимми тарбияи худогоҳӣ, худшиносӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ба шумор рафта, хусусиятҳои миллӣ, мардумӣ ва қавмиро дар худ таҷассум намуда, қудрати такону рушди ахлоқии наврасону ҷавононро, ки дар таҷрибаи бисёрҳазорсолаи халқ санҷида шудааст, фаро мегирад. Он муҳити иҷтимоиеро таъмин менамояд, ки ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори наврасон, дар давраи гузариш аз кӯдакӣ ба наврасию ҷавонӣ таъсиргузор аст.

Бояд қайд кард, ки масъалаи тарбия ва ташаккулии сифатҳои худшиносӣ, ватанпарастӣ, майлу рағбат ба арзишҳои он дар таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ мавқеи хоссаро ишғол намудааст. Он дар педагогикаи халқӣ дар шакли панду андарзҳои тарбиятӣ, зарбулмасалу мақолҳо, ривояту достонҳо ва корномаи қаҳрамонону мардони корзору бузург ба таври шифоҳию хаттӣ ба насли ҷавон дастрас мегардад.

Ҷабҳаи гуногуни тарбияи худшиносии кӯдакону наврасону ҷавонон дар таҳқиқоти олимони шинохтаи ватанӣ М.Лутфуллозода, И.Х.Каримова, Ф.Шарифзода, М.Қ. Қодиров, Х. Раҳимзода, С.И. Сулаймонӣ ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд ва ин раванд вобаста ба пешрафту талаботи ҷомеа ва рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ идома дорад.

Аз тарафи Амонов Салохудин интихоб гардидани таҳқиқи илмии мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» мубрам ва айнивақтӣ буда, он барои ошкорсозӣ, асосноккунии назариявию амалии истифодаи омилҳои этнофарҳагӣ дар тарбияи худшиносии наврасон дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйиру такмилёбии арзишҳои маънавӣ-ахлоқии миллӣ зарур ва муҳим дониста мешавад. Дар раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки арзиши омилҳои этнофарҳангӣ санҷида ва натиҷаҳои он минбаъд дар таҷрибаи тарбияи худшиносии хонандагон истифода гардида, ба рушду нумӯи фарҳанги педагогии халқи тоҷик мусоидат намояд.

**Мақсади таҳқиқоти мазкурро** омӯхтан ва мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додани роҳҳои самарабахши истифодаи маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» дар ташаккули арзишҳои худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, вазифаҳо интихоб ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муайяни таҳқиқотӣ амалӣ гардидаанд. Онҳо омӯзишу таҳлилӣ асосҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тарбияи худшиносии миллии хонандагон: муайянкунии хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ хештандорӣ; ташкилу баргузории кори озмоишӣ-

таҷрибавиро бо истифода аз омилҳои этнопедагогию этнофарҳангӣ дар бар гирифта, дар асоси натиҷагирӣ аз он фарогири таҳия, коркарду пешниҳоди хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои таълимӣ барои омӯзгорон ва волидон ҷиҳати такмили раванди тарбияи худшиносии миллии хонандагон мебошанд.

**Объект ва мавзуи таҳқиқот** мантиқан, бо ҳам алоқаманд буда, таҳқиқи ҷараёни тарбияи худшиносии хонандагон ва шароити иҷтимоӣ-педагогии ин равандро тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ва омилҳои педагогию этнофарҳангӣ ташкил намудааст. Ягонагию робитаи мантиқии мақсаду вазифаҳо имконият додааст, ки фарзияи илмии таҳқиқот ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда бо ҳам мувофиқат намоянд ва кори диссертатсионӣ ба расмият даровараа шавад.

Барои комёб гардидани муҳаққиқ дар иҷрои вазифаҳои гузоштагшуда, амиқу дуруст муайян ва интихоби намудани асосҳои методологию назариявӣ, сарчашмаи маълумот, адабиёти истифодашаванда, махсусан, методҳои назариявию амалии кори таҳқиқотӣ, интихоби пойгаҳи кори таҳқиқотӣ мусоидат намудаанд.

Фаъолияти пурсамар ва заҳматҳои муҳаққиқ, имконият додааст, ки **навгониҳои илмӣ** чун бозёфти арзишманди рисолаи илмӣ арзёбӣ карда шаванд:

- андешаҳои консептуалӣ оид ба тарбияи худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» тасдиқ гардидаанд;

- дар раванди тарбияи худшиносии хонандагон аҳамияти баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи психологӣ, педагогӣ ва иҷтимоии онҳо арзёбӣ шудаанд;

- исбот гардидааст, ки тарбияи худшиносии миллии ва шаклгирии сифатҳои он дар мероси адабию фарҳанги миллию педагогии халқи тоҷик мавқеи калидӣ дорад. Он дар раванди «Шоҳномахонӣ» ҳамзамон бо шиносоӣ ба мундариҷаи достонҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ ва шунидани паёмҳои дилпазиру ангезабахш, шинос намудан ба амалу симои қаҳрамонону размгарон мавқеи меҳварӣ ишғол карда метавонад;

- роҳҳои гуногун ва самарабахши истифодаи маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҷиҳати тарбияи худшиносии миллии хонандагон дар шакли барномаи иҷтимоӣ-педагогии ««Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» таҳия гардида, иҷрои самарабахши он тасдиқ гардидааст;

- арзишмандии истифодаи омилҳои этнопедагогию этнофарҳангӣ тавассути чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ҷиҳати тарбияи худшиносии миллии хонандагон тасдиқ карда шуд;

- дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ тавсияҳои психологӣ-педагогӣ коркард ва пешниҳод гардидаанд, ки онҳоро омӯзгорону волидон метавонанд бо таври эҷодӣ дар шароити гуногуни иҷтимоӣ ва педагогӣ истифода баранд, сатҳу сифати тарбия ва ташаккули ватандӯстиро таъмин гардонанд.

**Нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳоднамуда** консепсияи муаллифро оид ба зарурати тарбияи худшиносии миллӣ ва истифодаи омилҳои этнофарҳангиро, ки фарогири таҷрибаи тарбиявии халқ аст, дар бар мегиранд. Таҳқиқоти мазкур бо назардошти хусусиятҳои синнусолии психологӣ, педагогӣ ва иҷтимоии хонандагон амалӣ карда шудааст, дар наврасон азхудкунии донишу тасаввурот ва ташаккулёбии ҳиссиёт, рафтору амалҳои худшиносӣ дар ҳамбастагӣ арзёбӣ гардидааст. Мазмуну муҳтавои нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда дар матни кори диссертатсионӣ ифода гардида, пайдарҳамии мантиқии маводи назариявӣ ва кори озмоишӣ-таҷрибавӣ таъмин гардидааст. Мантиқи таҳқиқоти мазкур ба таҷрибаи мавқеи шаҳрвандӣ, фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ-касбии муаллиф мувофиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳқиқи масъалаи мазкур самтҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ, фарҳангӣ дорад ва муҳаққиқ вобаста ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда таҳлилу хулосаҳо пешниҳод намудааст. Муаллифи диссертатсияи мазкур андешаҳои ба дифоъ пешниҳодкардаи худро мувофиқ ба мавзуъ ва мақсаду вазифаҳои он арзёбӣ намудааст. Роҳҳои амалӣ гардидани ин нуқтаҳо дар матни диссертатсия ифода гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро** дар навбати аввал васеъ намудани донишҳо оид ба неруи тарбиявии мероси адабӣ, худшиносии миллӣ, ки он дар ҳамаи давру замонҳо пояи асосии тарбияи насли фидокору меҳнатқарин, ватандӯсту ватанпараст буд, ташкил дода, имконияту зарурати истифодаи онҳоро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муҳити хонавода, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа мувофиқи пешрафту талаботи ҳаёти иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Махсусан, таҳлилу баррасии хусусиятҳои ташаккулёбии сифатҳои шахсиятии худшиносӣ, иҷтимоишавии наврасон аз нигоҳи психологӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ хеле муҳим аст. Таҳқиқоти мазкур барои таҳия ва коркарди рисола, дастурҳои методӣ, барномаҳо, мақолоти илмӣ, маводи ёрирасони таълимию тарбиявӣ барои хонандагони зинаҳои мухталифи таҳсилот оид ба худшиносии миллӣ ёрӣ расонда, ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар, болоравии

донишу маълумот ва амалу рафтори меҳанпарастию хештаншиносии мардум мусоидат менамояд.

Ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавии муҳаққиқ нишон медиҳад, ки ҳар як омили этнофарҳангӣ, аз он ҷумла осори тарбиявӣ чун достонҳои қаҳрамононӣ, паҳлавонӣ метавонанд, дар тарбия ва ташаккули худшиносию ватандӯстии наврасон нақши муҳимро иҷро намоянд. Ин раванд вобаста ба синнусол, шароиту имкониятҳо истифодаи роҳу усул, воситаю шаклҳои гуногуни кор бо хонандагонро талаб мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқоти мазкур дар асосноккунии назариявӣ ва амалии ғояҳои масъалаи таҳқиқшаванда, яъне муайян кардану баррасии шароити иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии милии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ба шумор меравад. Муҳаққиқ мафҳумҳои худшиносии миллӣ ва мутааллиқ ба сохтори таркибии онро интихоб ва гурӯҳбандӣ намуда, кӯшиш намудааст, то онҳоро чун арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ тавъам бо хислату сифатҳои худшиносию ватандӯстӣ пайгирӣ намояд. Дар заминаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ имконияти истифодаи маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»-ро бо таъкиди мавқеи корномаи қаҳрамонони гузаштаи халқи тоҷик, чун омили тарбияи худшиносӣ нишон додааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба таркиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, авторефератҳо, мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат мекунад. Мазмуну муҳтавои автореферат аз мазмуни матни диссертатсия бармеояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

**Диссертатсия** аз 191 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 8 расму диаграмма ва 4 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 208 номгӯй аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба зарурати таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумот, навгониҳо ва аҳмияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот додааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», чунин бандҳоро дарбар мегирад: мафҳуми худшиносии миллӣ: ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогӣ (банди якум); Нақши мероси фарҳангӣ ва таърихӣ дар рушди худшиносии миллии хонадагон (банди дуюм); маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон (банди сеюм).

Ҳувийяти миллӣ яке аз ҷузъҳои ҳувийяти шахс аст, ки бо мансубияти ӯ ба миллат, фарҳанг ё кишвари муайян робита дорад. Ин хислати фитрии шахсият нест, балки аз огаҳӣ аз фарҳангу забон ва таърихи муштарак бо гурӯҳи муайяни мардум сарчашма мегирад. Ба миллатҳо тақсим шудани инсоният як раванди табиӣ ва мантиқист. Ҳар як миллат дорои вижагиҳои хос ва ҳувийяти муайяне мебошад.

**Боби дуюм** «Шартҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»« оид ба масъалаҳои зерин баҳс мекунад: амсилаи иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» (банди якум); чорабиниҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон (банди дуюм); таҳлил ва арзёбии самаранокии амсилаи иҳтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» (банди сеюм); ва дар охири боб хулосаҳо ҷой дода шудаанд.

Ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфили «Шоҳномахонӣ» метавонад бо ёрии шаклҳои гуногуни кор амалӣ карда шавад, ки ҳар яки онҳо ба дарки амиқи ҳувийяти миллии донишомӯзон, ҷалби фаъол ба мероси фарҳангӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат кунад. Барои расидан ба ин мақсад сохтани амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфили «Шоҳномахонӣ» бамаврид аст.

Муҳаққиқ зарурияти истифодаи омилҳои этнофарҳангиро дар тарбияи худшиносии хонандагон нишон дода, асосҳои иҷтимоии онро вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии кишвар, ки ба тарбияи хештаншиносии насли наврас мусоидат менамоянд арзёбӣ намудааст. Дуруст таъкид гардидааст, ки осори тарбиявии этнофарҳангӣ вижагиҳои характери миллиро, ки дар мардум ташаккул ёфтаанд дар бар мегирад ва самти инсонгароию инсондӯстӣ дорад, онҳо дар қолаби меъёрҳои маънавӣ-ахлоқӣ ҷой гирифта, характери таъсиррасонии маҷмуӣ доранд. Асоси меҳварии фарҳанги миллиро тарбияи миллӣ ташкил медиҳад ва он аз насл ба насл интиқол дода мешавад. Дар ин раванд лафзи модарӣ,

муҳити иҳотакарда, тарзи зиндагӣ, ёдгориҳои таърихӣ, санъату ҳунарҳои мардумӣ, одату анъанаҳо, табиати нотакрор, афсонаю ривоятҳо, панду ҳикматҳо ва ғайра дар маҷмуъ таъсир расонда, эҳсосу идрок ва сифатҳои худшиносию ватандӯстиро тарбия менамоянд.

Таъкид гардидааст, ки тарбияи худшиносӣ на танҳо барои халқу миллат ва кишварҳои хурду бузург, балки тамоми дунё мақсад ва вазифаи миллӣ ва умумибашарӣ дар самти фаъолияти таълиму тарбиявии кулли ниҳодҳои иҷтимоӣ, бояд гардад. Амалӣ гардидани ин равандро зиёд шудани хатарҳои муосир ба ҳаёт, зиндагии инсон дар ҷомеа ва кулли сайёраи Замин талаб мекунад.

Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои илмии фалсафӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, адабӣ-педагогӣ, таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ зарурияти тарбия, ташаккулдиҳии шахсияти ояндасозу бунёдкор, ки иродаи қавӣ, сифатҳои маънавию ахлоқии устувордошта, махсусан, худшиносиро аз айёми кӯдакию наврасӣ таъкид менамояд, ки дар шароити кунунии ҷомеа ва оянда низ ин раванд идома хоҳад ёфт. Мантиқан, таъкид гардидааст, ки ватандӯстӣ категорияи иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ ва фарҳангӣ буда, он сохтори таркибии худро дорад.

Тарбияи худшиносӣ аз оила оғоз гардида, тамоми умр идома меёбад. Минбаъд он дар ҳамкорию ҳамдастии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ идома ва такмил дода мешавад. Муассисаҳои таҳсилотӣ, ки дар онҳо раванди таълиму тарбия дар асоси талаботи Стандартҳои таълимии фаннӣ, нақша ва барномаҳои таълиму тарбиявӣ амалӣ гардонда мешаванд, худшиносиро ҳамчун сифати ахлоқӣ-маънавии наврасон ташаккул медиҳанд.

Азбаски амсиласозӣ яке аз марҳилаҳои тарҳҳезии педагогӣ аст, ба андешаи мо, ба сохтори амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути фаъолияти маҳфили «Шоҳномахонӣ» дохил намудани блокҳои зерин бамаврид аст: мақсаднокӣ; - ташкилӣ ва фаъолиятӣ; муҳтавоӣ-технологӣ; баҳодиҳии ба натиҷа асосёфта.

Амсилаи графикии ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути фаъолияти маҳфили «Шоҳномахонӣ» дар расми 1 оварда шудааст.

Маҳфили «Шоҳномахонӣ», ки бар пояи омӯзиши асари ҳамосии Фирдавсӣ- «Шоҳнома» таҳия шудааст, намунаи барҷастаи муҳити фарҳангиву маърифатист, ки ба ташаккули ҳувийяти миллӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои асосии таъсири онро мавриди нигоҳ қарор медиҳем:

1. Омӯзиши мероси адабии миллӣ. «Шоҳнома» на танҳо як ёдгории адабӣ, балки бозтоби арзишҳои калидӣ ва рӯйдодҳои таърихӣ мебошад.

2. Ташкили фазои эҷодӣ. Маҳфили «Шоҳномахонӣ» ба хонандагон барои ибрози ҳастии худ бо роҳҳои зерин имконият фароҳам меорад: намоишномаҳои театрӣ дар асоси мазмуни ҳамоса; таҳияи либос ва ороишоти хосси давроне, ки дар «Шоҳнома» гуфта шудааст; офаридани тасвирҳо ва суратқиссаҳо (комиксҳо) дар асоси мазмуни асар.

3. Ташаккули ҳисси мансубият. Дар маҳфил кор кардан ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки ба фарҳанги бузурги халқи худ ҳисси мансубият дошта бошанд.

4. Ҳамгирой бо фанҳои дигар. Маҳфил ба равобити байнифаннӣ, ҳамгироии адабиёт, таърих ва санъат мусоидат мекунад..

5. Рушди таҳаммулпазирӣ ва муколамаи байнифарҳангӣ. Маҳфили «Шоҳномахонӣ» дар баробари амиқтар кардани дониш дар бораи фарҳанги худ, ба ташаккули муносибати хушбинона нисбат ба халқҳои дигар мусоидат мекунад. Достони «Шоҳнома» дорои арзишҳои умумибашарие мебошад, ки барои намояндагони фарҳангҳои гуногун фаҳмо ва наздиканд ва ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо ҳамандешони бурунмарзии хеш равобити фарҳангӣ ташкил кунанд.

Маҳфили «Шоҳномахонӣ» ба шарофати мавзуи худ барои амалӣ намудани шаклҳои фаъоли кор, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд, имкониятҳои беназир фароҳам меорад.

Принсипҳои асосии ташкили кори фаъол дар маҳфили «Шоҳномахонӣ»:

1. Муносибати шахсиятмеҳвар: шавқу рағбат, қобилият ва сатҳи дониши хонандагон ба эътибор гирифта мешаванд. Масалан, баъзе хонандагон метавонанд ба лоиҳаҳои эҷодӣ (расмкашӣ, саҳнасозӣ), дигарон бошанд, ба корҳои тадқиқотӣ (таҳлили матнҳои «Шоҳнома», омӯзиши заминаҳои таърихӣ) ҷалб карда шаванд.

2. Гуногунии шаклу равишҳои кор:

Равишҳои фаъол иборатанд аз:

- фаъолияти лоиҳавӣ;
- баҳсу мунозираҳо;
- бозиҳои нақшофарӣ ва саҳнасозӣ;
- вазифаҳои таҳқиқотӣ.

3. Робита бо замони муосир: Барои навсозии мавод нишон додан муҳим аст, ки арзишҳои «Шоҳнома» дар шароити зиндагии муосир чӣ гуна татбиқ мешаванд.

4. Мулоқотҳои доимӣ: муҳокимаи натиҷаҳои кор, инъикос ва мубодилаи афкор ба амиқтар дарк кардани моҳияти кори анҷомдодашуда мусоидат мекунанд.

Метавон гуфт, ки масъалаи коркарду истифодаи кулли технологияҳои педагогӣ печида, давомдор ва доимо тағйирёбанда буда, технологияи этнофарҳангӣ ҷузъҳои методологӣ, ташхисӣ, иттилоотии мураккабро дар бар мегирад. Дар этнопедагогика чун анъана усули таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори амалҳои тарбиягиранда мувофиқи мақсад ва синну соли тарбиягиранда интихоб карда мешаванд. Дар солҳои охир то андозае паст рафтани нуфузи калонсолонро дар тарбияи кӯдакону наврасон, афзоиши таъсири ВАУ, маводи иттилоотию намоишии сомонаҳои иҷтимоӣ, ба табақаҳо ҷудошавии одамон зери таъсири мушкилоти иҷтимоиро муҳаққиқ хотиррасон намудааст. Инчунин дар таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилотӣ тарбиявӣ: истифода гардидани роҳу усули анъанавии суҳбат бо хонандагону волидон, машваратҳо, тамошои намоишномаҳои театрӣ ва барномаҳо аз ВАУ, тавсия ва хондани асарҳои бадеӣ, ташкилу баргузории иду ҷашнвораҳо, ҳафтаҳои фаннӣ ва вохӯриҳо бо шахсони шинохтаи эҷодкору баруманд ва ғайраҳо арзёбӣ гардидааст. Ҳангоми таҳқиқот дар кори таҳқиқотӣ андешаю амалҳои волидону омӯзгорон оид ба мероси адабию фарҳангии миллӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон, бахусус, эҳсоси худшиносӣ ба эътибор гирифта шудаанд.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ, ки ягонагии назария ва таҷрибаи амалии кори тарбиявиро самти тарбияи худшиносии наврасон дар худ фаро гирифтааст, амсилаи иҷтимоӣ педагогӣ коркард ва пешниҳод гардидааст. Он ба амалӣ гардидани вазифаҳои тарбияи худшиносӣ дар раванди кори озмоишӣ-таҷрибавӣ равона карда шудааст. Амсилаи иҷтимоӣ-педагогии ба принсипҳои умумипедагогӣ такя намуда, дар амал истифодабарии шаклҳои дигари корро, ки дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ арзи вуҷуд доранд, фаро гирифтааст. Инчунин, дар рафти ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ кор бо омӯзгорон, волидон ва хонандагон роҳандозӣ ва пайгирӣ карда шудааст. Таҳлили Стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимии фаннӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, инсон ва ҷомеа, чорабиниҳои тарбиявии беруназдарсӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон ба ташаккули худшиносии наврасон низ аз нигоҳи мвуҳаққиқ дур намондаанд.

Дар анҷом бояд қайд кард, ки дастоварди таҳқиқоти мазкур аз инҳо бармеояд: риояи методологияи таҳқиқоти илмӣ, корбурди таҳқиқоти илмии фалсафӣ, сотсиологӣ, психологӣ, педагогӣ, такя намудан ба

заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи худшиносӣ, таҳлили мафҳумҳои калидии мутааллиқ ба масъалаи таҳқиқотӣ, истифодаи мақсадноки маҷмуи методҳои самарабахши таҳқиқотӣ, ки онҳо иҷрои мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ ва мантиқии гуногунпаҳлуи (иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ) масъалаи таҳқиқотӣ мувофиқат намудан, ки кулли онҳоро муҳаққиқ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда истифода барад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар масъалаҳои тасдиқнамуда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқоти олимони ватанӣ, аз адабиёт бо забони тоҷикӣ истифода намуда, бо иншо ва баёни фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Мазмуну муҳтавои бобҳои кори диссертатсионӣ мувофиқ ба хулосаҳо таҳия ва пешкаш карда шудааст. Дар хулосаи умумӣ натиҷагирӣ аз кулли кори таҳқиқотӣ амалӣ гардонда шудааст. Тавсияҳои методии коркарду пешниҳодшуда барои пешрафту беҳдошти низоми тарбияи худшиносии хонандагони наврас дар хонавода, муассисаҳои таълимӣ, ниҳодҳои масъул мадад расонда метавонанд. Онҳо аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок мебошанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Дар диссертатсия муҳаққиқ бо кӯшиши зиёд ғояву андешаҳои олимони хориҷиро таҳлилу баррасӣ намудааст, ки онҳо самти психологӣ-педагогӣ доранд. Хуб мешуд, агар ин ҷо роҳу равишҳои бештар асарбахши дорои паҳлуҳои педагогии дар муҳити хонаводаю мактаб иҷрошаванда ҷиҳати тарбияи эҳсоси худшиносии миллӣ хонандагон пешниҳод мегардид.
2. Дар кори таҳқиқотӣ нақши курсҳо ва марказҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фаннӣ, ҷонишинони директор оид ба корҳои тарбиявӣ, фаъолияти ассотсиатсияи волидон, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ҷиҳати ташаккули эҳсоси худшиносии хонандагон ворид мегардид, аз аҳамият холӣ набуд.
3. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳангоми таҳлили таҳқиқоти илмии олимон оид ба масъалаи мавриди назар зиёдтар аз таҳқиқоти олимони ватанӣ истифода бурда мешуд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба ислоҳ ниёз доранд.

Эродҳои зикргардида арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссетатсионии тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд. Эродҳо зиёдтар

характери тавсиявӣ дошта, муҳаққиқ онҳоро метавонад дар таҳқиқоти минбаъдаи хеш ба ҳисоб гирад ва дар такмили мазмуну муҳтавои маводи илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-методии худ истифода барад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Муҳаққиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии дар назди худгузошта ноил гардида, иҷрои фарзияҳои илмӣ ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳоднамударо тасдиқ кардааст.
3. Диссертатсия ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Амонов Салохудин баромад кард, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» 16 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ ширкат варзиданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 16 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 22.11.2025, №2

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Расулова Нодира Сайдаламовна

22.11.2025

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 16; Тел: (83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti:
www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ., Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.